Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-001-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Ҳабибов Далер Абдуллоевич дар мавзуи «Масъалаҳои ташаккулёбии маркетинги сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ**

Муҳиммияти мавзуи таҳқиқотӣ бо он асоснок карда мешавад, ки инкишофи назарияи маркетинги сиёсӣ, пеш аз ҳама, бо талаботи умумӣ ба таҳқиқоти илмии дилхоҳ зуҳуроти ҷамъиятӣ, ки аз рӯи нақдии худ дар ҳаёти ҷомеа муҳим ва аз рӯйи сохтори худ мураккаб аст, муайян карда мешавад. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон маркетинги сиёсӣ дар дар қатори дигар бахшҳои илмҳои сиёсӣ мавқеи муҳимро ишғол карда истодааст. Бояд тазаккур дод, ки маркетинги сиёсӣ ҷузъи таркибии “сиёсатшиносӣ”-и амалӣ ба ҳисоб рафта, онро ба қисми технологияи ҳаёти сиёсӣ нисбат додан мумкин аст.

Давраи оғози ташаккули маркетинги сиёсӣ дар Тоҷикистон, чун дигар давлатҳои тозаистиқлоли баъдисоветии инкишоф, ба аввали солҳои 90-уми асри XX рост омада, дар марҳилаи ба ҳадди ниҳоӣ расидани сиёсишавии аҳолӣ ифодагари оғози ислоҳоти бозорӣ, ба вуқуъ пайвастани ислоҳоти амиқи сиёсию ҳокимиятӣ дар раванди ба роҳ мондани интихоботи озод, шаффоф, рақобатпазир гардид.

Дар робита бо ин муаллиф дуруст кайд намудааст, ки “Хусусияти маркетинги сиёсии дар кишварамон шаклгирифта чунин аст, ки бо вуҷуди заиф будан, минбаъд ҳамчун маркетинги интихоботӣ бо сабаби афзалият доштанаш дар ҳаёти сиёсии мусобиқи интихоботии сатҳҳои мухталиф ва намудҳои дигари маъраҳаҳои сиёсӣ, зоҳир гардид ва инкишоф ёфт.” (С.4)

Максад ва вазифаҳои таҳкикот хусусиятҳои замонавӣ дошта, накши маркетинги сиёсиро ҳамчун раванди табиӣ, вале барои Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди сиёсии муосир бо мантиқи худ ва талабот, амалкардҳои нав дар маъракаи интихоботӣ ва мудирияти давлатии сиёсӣ, тақсимбандии бозори сиёсӣ, мавқеъгирии маҳсулоти сиёсӣ, накши ВАО дар маъракаи интихоботӣ асоснок менамояд.

Диссертатсия аз ду боб ва панч зербоб иборат аст. Дар боби аввали рисола таҳлили асосҳои назариявию методологӣ, давраҳои таърихии омӯзиши масъалаи мазкур дар илмҳои иҷтимоию сиёсӣ, шаклгирии методологии омӯзиши мавзуи пажӯҳишӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф давраҳои ташаккули маркетингро таҳлил намуда, дар илми ҷаҳонӣ марҳила ба марҳила ташаккули онро қайд мекунад, ки “Ба шарофати маркетинг ба таҷрибаи сиёсӣ чунин технологияҳое ворид гардиданд, ки мисли омӯзиши афзалиятҳои сиёсии интихобкунандагон, тақсимбандии интихобкунандагон, мавқеъгирии маҳсулот (номзад, ҳизб ва ғ.), инчунин истифода барои ташкилдиҳии пурсиш дар ҳар гурӯҳ, усулҳои махсуси хусусиятҳои дарккуниро баназаргиранда, манфиатҳои гурӯҳӣ ва афзалиятдиҳӣ”. (С. 13). Дар диссертатсия таърифи зерин пешниҳод карда шудааст: “Маркетинги сиёсӣ (МС) - ин илм, санъат ва технологияи фаъолияти самараноки иҷтимоӣ дар соҳаи истеҳсолот, пешбурд, таксимот ва мубодилаи махсулоти сиёсӣ мебошад.” (С. 15).

Дар боби дуюми рисолаи диссертатсионӣ муаллиф масъалаи накши маркетинги сиёсӣ дар маъракаи интихоботӣ ва мудирияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди баррасӣ қарор додааст. Аз ҷумла, ба таври кӯтоҳ марҳилаҳои асосии ташаккулёбӣ ва инкишофи идоракунии давлат дар таърихи рушди ҷомеаи инсониро таҳлил карда, муаллиф ба хулоса меояд, ки аксарияти кишварҳое, ки кайхо боз ислоҳоти маъмуриро шуруъ кардаанд, маркетинги сиёсиро истифода бурда, ба таҷрибаи идоракунӣ шумораи назарраси механизмҳои ҳавасмандгардонии сиёсӣ, ниҳодӣ, равишӣ, барои кам кардани арзиши расмиятгароӣ, табдил додани он ба пазириши хоҳишҳои шаҳрвандон, ниҳоди бештар сарфакорӣ ва самаранокро ворид кардаанд.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ таъкид карда мешавад, ки "Маҳз дар асоси маъракаҳои интихоботӣ методологияи маркетинги сиёсӣ таҳия карда мешавад, ки ба маъракаҳои сиёсӣ ва лоиҳаҳои дигар низ татбиқ карда мешаванд." (С.21). Дар асоси ин гуфтаҳо муаллиф маркетинги сиёсиро ҳамчун илм, яъне ҳамчун системаи ягона, мантиқан алоқадор баррасӣ мекунад.

Дар маҷмуъ, муҳтавои рисола дар 5 мақолаи ба нашр расонидаи муаллиф дар маҷаллаҳои тавсиякардаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтааст.

Аз рӯи мазмун кори диссертатсионии Ҳабибов Далер Абдуллоевич дар мавзуи «Масъалаҳои ташаккулёбии маркетинги сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар сатҳи баланд иҷро шуда, як таҳқиқоти илмии мукаммали муаллиф мебошад.

Дар баробари коркардҳои зиёду муваффақ рисолаи диссертатсионӣ аз хатою иштибоҳҳо халосӣ наёфтааст, ки онҳоро чунин арзёбӣ намудан мумкин аст:

- муаллиф дар зербоби аввали боби якуми кори диссертатсионӣ ба масъалаҳои назариявии ташаккули маркетинги сиёсӣ аҳамияти бештар

дода, ба тарзи муносибат, ки хосияти методологӣ дорад чандон таваҷҷуҳ накардааст;

- муаллифро зарур буд, ки навъҳо ва шаклҳои зуҳуроти маркетинги сиёсиро дар шароити Тоҷикистони муосир тавсиф менамуд.

Бояд таъкид намуд, ки чунин эродҳо, ки шакли пешниҳодро касб менамоянд наметавонанд арзиши баланди илмии кори диссертатсиониро паст намоянд.

Умуман, дар асоси маълумоте, ки дар автореферати диссертатсия пешниход шудааст, кори диссертатсионӣ дар сатҳи баланди илмӣ навишта шудааст. Рисолаи илмӣ ба ҳама талаботе, ки Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба корҳои номзадӣ муқаррар намудааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллиф сазовори шарафёб гаштан ба дарачаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 - Ниҳодҳо, равандҳо, технологияҳои сиёсӣ мебошад.

**Муқарриз:**

Ходими калони илмӣ Шуъбаи сиёсатшиносии Институти
фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи
ба номи А. Баҳоваддинови Академияи
миллии илмҳои Тоҷикистон
**Додихудоев Х.А.**
Номзади илмҳои сиёсӣ

Имзои Х.А. Додихудоев -ро
тасдиқ мекунам

Нозири калони кадрҳои Институти
фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи
ба номи А. Баҳоваддинови Академияи
миллии илмҳои Тоҷикистон
**Шозедов Х.Н.**

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ